# СУРАТМАҶЛИСИ № 17
## Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-090

23-юми июли соли 2026 ш. Хуҷанд

Иштирок доштанд: аз 9 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 31-уми январи соли 2025, №45/шд тасдиқ гардида, 8 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафар докторони илм ва 3 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод гардид, ки ҷаласа кушода эълон гардад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**Ба ҳимоя иҷозат додани** диссертатсияи Ҳусайнзода Шуҳрат Абдукарим дар мавзуи «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ - ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат.

Аз рӯи масъалаи мазкур раиси комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ Мирализода И.Қ. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, узви шурои диссертатсионӣ Раҳматулоев А.Э. ва аъзои комиссияи ташхис номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини якуми директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшедзода К.Ҷ. баромад намуданд (хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Ҳусайнзода Шуҳрат Абдукарим дар мавзуи «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ - ҳуқуқӣ», ки ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-090-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– Нематов Акмал Рауфҷонович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,

дотсент, муовини саркотиби илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– Абдулло Абдулло Раҳматулло – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори факултети №4 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи таҳсилоти олии касбии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе) таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 10-уми октябри соли 2026, соати 10:00 таъин карда шавад.

Қарор қабул карда шуд: якдилона.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Муҳаммадиев И.С.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Қодирзода М.А.**